# ТАВАҶҶӮҲИ МУТАХАССИСОН БА РИШТАИ ТИББИ ОИЛАВӢ БЕШТАР МЕГАРДАД

Яке аз самтҳои муҳимиислоҳоти соҳаи тандурустӣ афзалият додан ба кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, аз ҷумла тибби оилавӣ мебошад. Бо ислоҳоти соҳаи тандурустӣ эҳтиёҷоти воқеӣ ҷиҳати гузариш ба системаи камхарҷи ташкили кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, таҷдиди он ба таври фардию оилавӣ ба миён омада, фармоиши иҷтимоӣ ҷиҳати воридсозии тибби оилавӣ – системаи табобатию профилактикии аҳолӣ, ки асоси онро табиб ва ҳамшираи тибби оилавӣ ташкил медиҳад, ташаккул ёфта истодааст. Ҳанӯз соли 1994 зарурияти гузаронидани ислоҳот дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар, аз ҷумла, соҳаи тандурустӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардида буд.

Аслан, воридсозии тибби оилавӣ дар Тоҷикистон аз соли 1998 оғоз гардида, дар давоми зиёда аз 20 сол дар кишвари мо хизматрасонии тиббӣ тавассути кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) ба аҳолӣ аз рӯи принсипи тибби оилавӣ самаранок ворид гардида истодааст. Тибби оилавӣ ин самти кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ҷиҳати расонидани кумаки бисёрсоҳавии аввалиндараҷа ба аҳолӣ аз ҷониби мутахассисони тибби оилавӣ бо мақсади пешгирӣ ва табобати бемориҳо дар ҳолатҳои таъхирнопазир мебошад. Принсипҳои тибби оилавӣ, ки дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, аз кумакрасонӣ ҳангоми робитаи аввал, дастрасӣ, ҳамбастагӣ, муттасилии фаъолият, ягонагӣ, таваҷҷуҳ ба оила ва эътимоднокӣ иборат мебошад.







Аз замони ҷорӣ гардидани ин риштаи тибб дар низоми тандурустии мамлакат рушди тибби оилавӣ дар маърази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, бобати расидан ба зинаҳои баланд дар ин масир кушишҳои ҳамгуфте ба роҳ монда шудааст, ки ҳамкорӣ бо шарикон оид ба рушд дар ин самт аз ҷумлаи онҳост.




Татбиқ гардидани Лоиҳаи “Беҳтаркунии хизматрасонии тиббӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2023 аз фаъолияти он дар мамлакат 10 сол сипарӣ

мегардад, аз зумраи бузургтарин Лоиҳа дар низоми беҳтарсозии фаъолияти муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ арзёбӣ мегардад.

Лоиҳаи мазкур, ки таҳти сарпарастии Бонки умумиҷаҳонӣ дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид, баҳри таъмиру азнавсозии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва таҷҳизонидани онҳо бо лавозимоти тиббӣ, инчунин, ҷалби мутахассисон ба курсҳои омӯзишии тибби оилавӣ фаъолияти назаррасе ба сомон расонид.



Яке аз ҳадафҳои аслии татбиқи Лоиҳаи мазкур, ин ҷалби мутахассисони муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ба курсҳои бозомӯзии тибби оилавӣ мебошад.

Даври якумро дар МВТКТО - и в.Суғди ш. Хуҷанд 4 нафар табибон, 30 нафар кормандони миёнаи тиб аз н. Зафаробод, дар МВТКТО-и в. Хатлони н.Хуросони ҷ. Қизил-Калъа, 12 нафар табибон (А. Ҷомӣ 4 нафар, Кушониён 6 – нафар, Ҳамадонӣ 1- нафар ва ноҳияи Кӯлоб 1 – нафар), 70 нафар кормандони миёнаи тиб (А. Ҷомӣ 25-нафар, н.Кушониён 30-нафар, н.Ҳамадонӣ 15-нафар), дар Маркази байниноҳиявии ш.Кӯлоби в.Хатлон 19 нафар корманди миёнаи тиб(15-нафар ноҳияи Кӯлоб ва 5-нафар аз ноҳияи Ҳамадонӣ), дар умум 16 нафар табибон ва 131 нафар кормандони миёнаи тиб ба давраи бозомӯзиро ба итмом расонданд.

Даври дуюми бозомӯзиро аз рӯи ихтисоси “Тибби оилавӣ”, барои табибон ва кормандони миёнаи тибби шабакаи муассисаҳои КАТС-и ноҳияҳои Кӯшониён (23-нафар корманди миёнаи тиб), А.Ҷомӣ (24 нафар корманди миёнаи тиб), Ҷ. Балхӣ (1 нафар табиб), Кӯлоб (1 нафар табиб), Ҳамадонӣ (21 нафар корманди миёнаи тиб), Фархор (3 нафар табиб), Ёвон (3 нафар табиб)-и вилояти Хатлон дар заминаи Муассисаи давлатии “Маркази вилоятии таълимию клиникии тибби оилавӣ”-и ҷамоати деҳоти Қизилқалъаи

ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон (МВТКТО вилояти Хатлон), кормандони миёнаи тибби шабакаи муассисаҳои КАТС-и ноҳияи Кӯлоб (20 нафар)-и минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар заминаи Муассисаи давлатии "Маркази байниноҳиявии таълимию клиникии тибби оилавӣ"-и вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб (МБТКТО дар шаҳри Кӯлоб), барои табибон ва кормандони миёнаи тибби шабакаи муассисаҳои КАТС-и ноҳияҳои таҷрибавии Зафаробод (17 нафар корманди миёнаи тиб), Деваштич (2 нафар табиб), Ҷ. Расулов (2 нафар табиб) ва Мастчоҳ (1 нафар табиб)-и вилояти Суғд дар заминаи Муассисаи давлатии "Маркази вилоятии таълимию клиникии тибби оилавӣ"-и вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд (МВТКТО вилояти Суғд) аз 27 декабри соли 2021 то 27 июни соли 2022 хатм намуданд.

Ҳамин аст, ки чанде қабл дар Муассисаи давлатии "Маркази таълимию клиникии тибби оилавии вилояти Суғду Хатлон ва шуъбаи таълимию клиникии тибби оилавии ш. Кулоб" як шумори муайяни табибон ва кормандони миёнаи тибб курси омӯзишии тибби оилавиро хатм намуда, бо дипломи "Тибби оилавӣ" сарфароз гардонида шуданд.




Маврид ба тазаккур аст, ки айни замон дар қаламрави кишвар маркази ҷумҳуриявӣ, 3 маркази вилоятӣ, 3 шӯъбаи таълимию клиникии тибби оилавӣ дар вилояти Суғд ва 5 шуъбаи таълимию клиникии тибби оилавӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар самти тайёр намудани мутахассисони тибби оилавӣ ва расонидани кумаки ташкилию дастурӣ барои кормандони шабакаи муассисаҳои КАТС фаъолият доранд.



Дар умум давоми соли 2021 ва шашмоҳаи соли 2022 бо дастгирии Лоиҳаи “Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ” дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуан 34 нафар табиби оилавӣ ва 196 нафар ҳамширагони тиббӣ аз курсҳои тибби оилавӣ гузаштаву соҳиби диплом гардиданд ва хатмкунандагон бо борхалтаҳои тиббӣ ва протоколҳои клиникӣ таъмин шудаанд, ки барои баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ мусоидат хоҳад кард.







Мақсади асосии барномаи таълимии мазкур ба тайёр намудани мутахассисони нави дорои дониш ва назари васеъ оид ба масъалаҳои солимии ҳаматарафаи инсон, дорои қобилияти гузаронидани фаъолиятҳо баҳри баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ дар доираи тавсифномаи тахассусии мутахассисони тибби оилавӣ оиди ташаккули тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳо, азхудкунии ҳамагуна малакаҳои ташхисию табобатӣ, манфиатдори пастшавии беморӣ ва маъюбшавӣ, дарозумрӣ ва сифати хуби зиндагии аҳолии кишварамон нигаронида шудааст.